Анушервон Шарипов – таҳлилгари сиёсӣ

## ҲНИТ ҲАММАСЛАКУ ҲАМПЕШАИ ДИИШ

Дар истинод ба мадракҳои муътамад ва иқрори як қатор сарварони дастгиршудаи ташкилоти террористӣ - экстремистии ҲНИТ маълум гардидааст, ки маҳз тавассути ин ҳизби ифротгаро дар байни аҳолии баъзе минтақаҳои ҷумҳурӣ ва муҳоҷирон шабакаи пинҳонии таблиғотӣ ва интиқоли афроди гумроҳшуда ба майдонҳои ҷанги ДИИШ дар Сурия, Ироқ ва Афғонистон ташкил ва танзим мегардидааст. Аз 1140 шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мутобиқи омори расмӣ то соли 2018 дар сафи "Давлати исломӣ" меҷангиданду меҷанганд, беш аз нисфи онҳо ба воситаи шабакаи мазкур ба муҳорибаҳои хунини ифротгароёни исломӣ ҷалб шудаанд.

Аз лиҳози моҳият ва муҳтаво аҳдофи ТТЭ ҲНИТ ва ДИИШ аз ҳам тафовути ҷиддӣ ва зиёде надоранд. Зоҳиран он чиро, ки ДИИШ дар сатҳи "Хилофати исломӣ" татбиқ кардан мехоҳад, ҲНИТ дар сатҳи кишвари мо мехоҳад татбиқ кунад, зеро танзими муносибатҳои афроди ҷомеа аз дидгоҳи ин ду гурӯҳи ифротӣ бояд на бар асоси қонунҳои амалкунанда, балки ҳатман ва комилан бояд бар мабнои шариат ба роҳ монда шаванд. Маҳз ҳамин ҳадафи умумӣ водор мекунад, ки аъзои наҳзат Ватан ва наздикону пайвандони худро ҳавола ба тақдир карда, барои дастёбӣ ба ин "ҳадафи воло" ба Сурияву Ироқ ва дигар манотиқи ҳузури ДИИШ раванд ва ба ин тариқ ноогоҳона ба бозичаи дасти коргардонҳои саҳнаҳои сиёсат табдил гарданд.

Ва агар сухан сари кирдорҳои ваҳшиёнаи ДИИШ равад, ки мардумро бераҳмона ба қатл мерасонданд, духтаронро ҳамчун мол аз даст ба даст мегардонданд, нусхаи чунин амалҳоро террористони наҳзатӣ дар Тоҷикистон анҷом доданд. Мисол, яке аз амалҳои нангини террористони наҳзатиён пешниҳоди духтарҳои ноболиғ ба зархаридону террористони хориҷӣ буд, ки аз деҳаҳо ба ситоди ТТЭ ҲНИ оварда мешуданд.

Агар ба эътибор гирем, ки ТТЭ ҲНИТ дар арсаи чунин муҳорибаҳои хунини ифротгароён бозигари навзуҳур нест ва таҷрибаи хеле тӯлонии муборизаи сиёсӣ ва мусаллаҳонаеро дорад, ки ҳатто ДИИШ надорад, пас метавон пай бурд, ки ҳузури чунин ҳизби ифротӣ ва саркардагони тундраву мутаассиби он, ки дастҳояшон дар хун олуда аст, дар арсаи сиёсии ҷомеаи мо то кадом андоза хатарзо хоҳад буд.

Ҳанӯз дар солҳои90 - уми асри гузашта ТТЭ ҲНИТ бо кумаки сарпарастони бурунмарзии хеш тавониста буд, ки дар кишвари мо аз лиҳози идеологӣ заминаи ҷанги шаҳрвандиро ба вуҷуд оварда, бар мабнои он

муборизаи мусаллаҳонаи густурда ва бардавоми хуношомеро роҳандозӣ намояд. Дар натиҷаиамалгароиҳои тунд-равонаи беш аз панҷсолаи ТТЭ ҲНИТ ва ҳаммаслакони он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз150 ҳазор нафар кушта шуда, даҳҳо ҳазор кӯдакон ятиму бепарастор монданд. Беш аз 2 миллион шаҳрванди кишвар бар асари ин ҷанги хонумонсӯз бехонумону дарбадар ва муҳоҷир шуда хоҷагии халқи ҷумҳурӣ зиёда аз7 миллиард доллари ИМА хисорот дид. Ҳамаи ин оқибатҳои фоҷиабори “инқилоби исломӣ” ва зарари моддиву маънавиеро, ки миллати тоҷик тӯли солҳои ҷанги шаҳрвандӣ таҳаммул карда буд, наметавон бо сухан тасвир намуд.

ТТЭ ҲНИТ дар радифи аҳзобу ҳаракатҳои тундраву ифротие, чун ”Давлати исломӣ” «Ҷабҳат-ун-нусра», «Ҳаракати исломии Туркистони Шарқӣ», «Ҳизб-ут-таҳрир» ва дигар ташкилотҳои экстремистӣ аз тарафи сохтори минтақавии зиддитеррористии СҲШ(РАТС ШОС) таҳти №79 ба рӯйхати аҳзобу ҳаракатҳои тундраву ифротие ворид карда шудааст, ки фаъолияти онҳо дар қаламрави давлатҳои аъзои ин созмон манъ шудааст.

Мо бояд ҳамеша зираку ҳушёр бошему ба доми фиреби хоинону ватанфурӯшон наафтем ва онҳоро нагузорем, ки сулҳу суботи кишвари азизамонро халалдор созанд.

https://www.facebook.com/share/p/1EAiug4Eai/